# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯъи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз мухлати кишт ва зичии ниҳолхо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Дар шароити камзамини ҷумҳурӣ самаранок истифода бурдани заминҳои обёришаванда ва руёнидани 2 – 3 ҳосил дар як мавсим яке аз масъалаҳои асосии илмӣ имрӯза боқӣ мемонад ва барои таъмини бехатарии ғизоии кишвар саҳми арзанда мегузорад.

Дессертатсияи Бегназаров Д.Б. ба талаботи имрӯзаи соҳаи аграрии мамлакат ҷавобгуй буда, дар бораи технологияи парвариши чормағзи заминӣ аз ҷумла таҳқики мухлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар кишти ангорӣ равона гардидаат, ки барои гирифтани 2 ҳосили дон дар як сол замина мегузорад.

Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ дар шароити заминҳои обии минтақаи Ҳисор мухлати мусоиди кишт ва зичии ниҳолҳои муътадили ниҳолҳои чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ таҳия гардидааст, ки рӯёнидани то 3,3 т/га ҳосили ғилофакҳо, 27 т/га анбӯҳи сабз ва 0,9 т/га равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд, ки ин аз ҷониби Бегназаров Д.Б. ба исбот расонида шудааст.

Таҷрибаҳои саҳроии Бегназаров Д.Б. дар солҳои 2012 – 2014 аз ҷониби комиссияи махсуси методии апробатсионӣ иборат аз олимони Интитути зироаткорӣ, намояндагони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, баҳогузорӣ карда шуда, натиҷи он дар ҷаласаҳои Шӯрои илмии муассиса муҳокима гардидааст.

Қатъи назар аз арзандагии натиҷаи диссертатсия камбудиҳо ва хоҳишҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Барои чӣ дар кишти ангорӣ танҳо 2 – мӯҳлати кишт (1 июн ва 10 июн) омӯхта шудааст.
2. Хуб мешуд, ки ғизодиҳии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ таҳқиқ карда мешуд.

Новобаста ба таклифу пешниҳодҳои ҷойдошта диссертатсияи Бегназаров Д.Б. ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.


Мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор Сатторов Р.Б.

Суроға: 735025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E – mail sattorov 59 @ mail.ru Тел: 907969476


Имзои Сатторов Р.Б. – ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳои ДМТ Тавкиев Э.Ш.